# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи "Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – бо далелҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалии худ асоснок карда шудаанд. Пеш аз ҳама, дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими пояҳои давлатдории ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таъмини воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вобастагии мустақим дорад. Механизми асосии ҳифз ва кафолати ин ҳуқуқҳо дар низоми ҳокимияти давлатӣ – ҳокимияти судӣ ба ҳисоб меравад. Ҳокимияти судӣ на танҳо яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, балки кафили волоияти қонун ва адолати иҷтимоӣ мебошад. Муҳимияти ин раванд на танҳо ба зарурати таъмини ҳуқуқии фаъолияти мустақили ҳокимияти судӣ алоқаманд аст, балки бо эъмори давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва иҷтимоӣ, ки дар маркази он инсон ва ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи ӯ қарор доранд, решапайвандӣ дорад. Ҳалли бомуваффақияти ин масъала дар сурати бархурди низомнок ба ҳампайвастагии назарияи ҳуқуқ, таҳлили қонунгузории ҷорӣ, амалияи татбиқи он ва дурнамои рушди минбаъдаи институтсионалии ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даст хоҳад дод.

Ҳимояи судӣ чӣ дар назария ва чӣ дар амалия яке аз афзалиятноктарин ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба шумор меравад ва маҳз бо ин асосҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароте ҷой дода шудааст, ки

ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд. Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад, ки ин амалҳо асосан аз ҷониби ҳокимияти судӣ амалӣ карда мешаванд. Муаллиф низ ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳз ба ҳамин ҷанбаҳои масъала диққати ҷиддӣ додааст.

Вобаста ба ин, муаллиф қайд менамояд, ки "масъалаи мақом ва нақши ҳокимияти судӣ дар сохтори давлатӣ-ҳуқуқӣ зарурати таҳлили бунёдӣ ва асосҳои назариявӣ ҳуқуқиро тақозо менамояд... ва таҳияи асосҳои назариявӣ баҳри ислоҳоти минбаъдаи низоми судӣ бо назардошти стандартҳои байналмилалии марбут ба адолати судӣ ва ҳуқуқӣ инсон, рӯ ба рӯ гардидааст."

Ҳамин тавр, мавзуи мазкур бо асосҳои зикргардида низ, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ мубрам буда, ҳалли он барои такмили низоми судӣ, баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таҳкими пояҳои давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дорад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дидгоҳи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ бори аввал бо ин тарз таҳқиқи мукаммал мегардад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктахои илмие, ки барои ҳимоя пешниход мешаванд, инчунин дар тахкикоти диссертатсионии Исозода Баҳодур Чиллахон аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, равиши таҳқиқот, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд навгонии маҷмуӣ дар фазоӣ илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан, дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Дар раванди таҳқиқот ӯ аввалин пажӯҳиши мукаммали бунёдӣ ва ҳаматарафаро дар самти таҳлили нақши ҳокимияти

судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додааст.

Навгонии асосӣ дар самтҳои зерин зоҳир мешавад:

– таҳияи асосҳои назариявии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон тавассути ҳокимияти судӣ бо такя ба Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

– муайян намудани хусусиятҳои миллӣ ва омилҳои хоси фаъолияти судҳо дар Тоҷикистон дар муқоиса бо таҷрибаи давлатҳои дигар;

– таҳлили муфассалиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва арзёбии таъсири он ба баланд гардидани сатҳи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон;

– пешниҳоди мафҳум ва таснифи нав оид ба кафолатҳои судии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон;

– таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти судҳо ва такмили заминаи ҳуқуқии мустақилияти суд.

Нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, навгонии онро нишон дода, аз омилҳои зерин иборат мебошнд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, пеш аз ҳама масъалаҳои зеринро ҳал намудаанд, ин пеш аз ҳама муайян гардидани ҳокимияти судӣ ҳамчун унсури калидии механизми таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар низоми давлатдории ҳуқуқии Тоҷикистон, далел ва асоси назариявӣ дар бораи он, ки мустақилияти судҳо ва судяҳо на танҳо талаботи конститутсионӣ, балки шарти зарурии волоияти қонун ва кафолати ҳуқуқу озодиҳо мебошад, таҳия ва пешниҳод намудани таснифи нави кафолатҳои судӣ (ташкилии-ҳуқуқӣ, моддӣ-ҳуқуқӣ ва амалӣ-фарҳангӣ) барои ҳимояи ҳуқуқҳои инсон дар шароити Тоҷикистон, нишон додани таъсири таҷрибаи байналмилалӣ (пеш аз ҳама Конвенсияи Аврупоии ҳуқуқи инсон ва таҷрибаи кишварҳои ИДМ) ба такмили низоми судии миллӣ, таҳлили қонунгузории амалкунанда ва пешниҳодҳои мушаххас барои ислоҳоти ҳуқуқӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти судҳо ва эътимоди шаҳрвандон ба суд мусоидат мекунанд, баррасии муносибати байни назария ва амалияи ҳокимияти судӣ ҳамчун падидаи назариявӣ ва ҳамчун ниҳоди амалии ҳимояи ҳуқуқҳо дар низоми давлатӣ.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ифодаёфта, бо такя ба таҳлили амиқу ҳамаҷонибаи манбаъҳои илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалии ҳокимияти судӣ дар

таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асоснок гардидаанд. Муаллиф дар раванди таҳқиқот аз усулҳои таҳлили низомӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва оморӣ истифода бурда, мавқеи илмӣ ва амалии худро дар асоси таҳлилҳои муътамад баён намудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳо дар он ифода меёбад, ки ҳамаи хулосаҳои илмӣ бар пойгоҳи маълумоти воқеӣ, аз ҷумла омори расмии мақомоти дахлдор, гузоришҳои байналмилалӣ, таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ ва маводи пажӯҳишии олимони дохилӣ ва хориҷӣ асос ёфтаанд. Мутобиқати хулосаҳо бо далелҳо ва таҳлилҳои пешниҳодшуда дараҷаи баланди эътимоднокии онҳоро таъмин менамояд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ муаллиф нуктаҳои илмии назариявӣ ва тавсияҳои амалиро ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ки натиҷаи он метавонад барои боз ҳам такон бахшидани заминаҳои илмӣ-назариявӣ ва қонунгузории самти низоми судӣ мусоидат менамоянд. Натиҷаи кор, хулоса ва тавсияҳое, ки аз ҷониби муаллиф манзур гардидаанд, бо дарназардошти таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, ғояҳои илман асосноки олимони дохиливу хориҷӣ сурат гирифтаанд, ки асоснокии онҳоро ифода менамоянд. Таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳам аз лиҳози илмӣ-назариявӣ ва амалӣ мубрам ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, хулоса ва тавсияҳои ифодаёфта дорои эътимоднокии баланд мебошанд ва метавонанд барои такмили қонунгузории миллӣ, баланд бардоштани сатҳи мустақилияти судҳо ва таҳкими нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Ин тавсияҳо бо дарназардошти вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии кишвар таҳия шудаанд ва метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳияи стратегияҳои давлатӣ ва барномаҳои амалии мубориза бо коррупсия истифода шаванд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аксарияти пешниҳод ва хулосаҳои дар рисола манзургардида метавонанд, ки барои таҳқиқотҳои назариявии соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ ва амалияи судӣ нақши муассир гузоранд. Пеш аз ҳама, онҳо барои истифода дар раванди омодасозии таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ, ки фарогирандаи пажуҳиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистони муосир мебошанд, тавсия мегарданд. Инчунин, нуктаҳои дар диссертатсия матраҳшударо метавон ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии «Назарияи давлат ва ҳуқуқ», «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», «Ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқи

конститутсионӣ», «Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ», инчунин ҳангоми омода намудани воситаи таълимӣ, маводҳои лексионӣ ва дастурҳои таълимӣ-методӣ мавриди истифода қарор дод. Таҳқиқоти диссертатсионӣ натанҳо дорои аҳамияти назариявӣ, балки амалӣ низ мебошад. Аҳамияти амалии таҳқиқот бо ҳалли вазифаҳои марбут ба муайян кардани сабабҳо ва монеаҳои ташаккулёбии ҳокимияти судӣ, таҳаввулёбии он ҳамчун кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин истифода намудани ҷузъе аз нуктаҳои назариявӣ бахри такмил ва ислоҳоти минбаъдаи низоми судӣ дар Тоҷикистон ва зерсохторҳои он, алоқаманд мебошад.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи номзадии Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз муқаддима, се боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсияи мазкур аз 201 саҳифа иборат мебошад.

Дар муқаддима мубраммият ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқот асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқиқот, навгониҳои илмӣ, муҳиммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда возеҳу равшан муайян карда шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия**, ки ба «Асосҳои назариявии мафҳум, моҳият ва мазмуни ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии тоҷикистон бахшида шудааст», масъалаҳои мафҳум ва моҳияти ҳимояи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун объекти таъсиррасонии ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон ва намудҳои ҳимояи судии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Муаллиф ақидаҳои олимон ва мутахассисони соҳаро ҷамъбат намуда, қайд менамояд, ки: "...ниҳоди ҳимояи ҳуқуқи инсон ниҳоди маҷмуии иборат аз ҳама воситаҳои меъёрию ҳуқуқии инфиродӣ ва ташкилию ҳуқуқии таъмини ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад. Аз ин лиҳоз, категорияҳои «ҳимояи давлатӣ», «ҳимояи ҳуқуқӣ», «ҳимояи судӣ» ва ғайра, ки дар илм ва амалияи қонунгузорӣ онҳоро дучор омадан мумкин аст, мафҳумҳое мебошанд, ки қисман ба ҳам мувофиқанд, ҳамдигарро мепайванданд ва пурра мекунанд. Истилоҳҳои ишорашуда аз рӯйи табиати ҳуқуқӣ ва моҳияти худ ифодакунандаи мафҳуми як падида – институти ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошанд." (саҳ. 26 дисс.).

Албатта муаллиф дар ин масъала дар умум хулосабарории дуруст намудааст, аммо бояд қайд намуд, ки ин тарзҳои ҳимоя дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ аз ҳамдигар тафовут доранд ва оқибатҳои амалишавии онҳо низ гуногун мебошанд.

Муаллиф ба масъалаи табиати ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва арзиши он ҳамчун унсури танзими ҳуқуқӣ дар таҳқиқот диққати махсус додааст, ки ин масъала барои муайян кардани ҳимояи ҳуқуқи инсон дар ҷомеа мусоидат хоҳад намуд. Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки маънои таҳлили чунин масъалаҳо дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки доир ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ҳамчун як усули мустақим ва махсуси танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҳамон ҳолате сухан рондан ба мақсад мувофиқ мебошад, агар хусусиятҳои хосси ин институт муайян ва аз нигоҳи назариявӣ дарк карда шаванд. Ба ибораи дигар, омӯзиши табиати ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва арзиши он дар танзими ҳуқуқӣ шарти назариявии асосноксозии муҳокимаву таҳқиқотҳои минбаъда дар самти ҳимояи ҳуқуқи инсон ҳамчун усули танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба шумор меравад (саҳ. 37 дисс.).

Муаллиф ба хулосабарории дуруст омадааст, ки тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқҳоо ва *озодиҳои инсон ва шаҳрванд* тавассути ҳокимияти судӣ ҳифз ва таъмин карда мешаванд, ки ин нақши муҳими низоми судиро дар сохтори ҳуқуқии давлат таъкид мекунад. Ин ниҳод ҳамчун механизми аввалин ва асосӣ баромад мекунад, ки волоияти қонун ва ҳифзи арзишҳои асосии ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин менамояд ва ба ҳар шахс ҳимояи судиро мустақиман кафолат медиҳад, ки ин маънои онро дорад, ки ҳар шахс, новобаста аз мақом ё шаҳрвандии худ, ҳуқуқ дорад барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои худ ба мурофиаи одилонаи судӣ дастрасӣ дошта бошад, яъне ҳокимияти судӣ дар таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ нақши калидӣ мебозад ва фаъолияти он ба ҳифзи манфиатҳои ҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандон ва шахсоне, ки дар ҳудуди он қарор доранд, равона шудааст (57-58 дисс.).

Яке аз арзишмандтарин мавқеи муаллиф ин муайян намудани хусусиятҳои ҳимояи судии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар таҳқиқот мебошад. Хусусиятҳои ҳимояи судиро, ӯ аз муҳтавои муқарраroти Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо менамояд. Таҳлили меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯ имкон доаданд, ки як қатор унсурҳои муҳимми ҳимояи судӣ ва ҳуқуқҳои кафолатдиҳандаи ҳимояи судиро ҷудо намояд. Аз ҷумла, муаллиф ба муқарраroти конститутсионӣ, ки сохтор ва муҳтавои ҳимояи судиро ифода менамоянд, инҳоро дохил намудааст: – якум, тибқи моддаи 84 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳокимияти судӣ бевосита ҳамчун механизми ҳифзи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян шудааст; – дуюм, моддаи 19 Конститутсия ба ҳар шахс ҳуқуқии мурочиат ба судро кафолат медиҳад, ки ин асоси таъмини ҳифзи судӣ мебошад; – сеюм, моддаи 19 Конститутсия,

инчунин ҳуқуқи ҳар шахсро барои баррасии парвандааш дар суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис дода шудааст, муқаррар менамояд; – чорум, моддаи 14 Конститутсия муқаррар мекунад, ки ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути ҳокимияти судӣ амалӣ ва таъмин карда мешаванд; – панҷум, моддаи 88 Конститутсия кафолати мурофиаи одилонаро тавассути таҳкими принсипи рақобатпазирӣ ва баробарии тарафҳо, инчунин таъмини ошкоро будани мурофиа таъмин менамояд; – шашум, Конститутсия ва қонунгузории амалкунанда имконияти шикоят ва бозбинии санадҳои судиро пешбинӣ менамоянд, ки ин ҳамчун кафолати иловагӣ барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон хизмат мекунад (саҳ. 65-66 дисс.).

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки ҳимояи судӣ яке аз воситаҳои ҳимояи давлатӣ буда, аз ҷониби судҳо ба амал бароварда шуда, тавассути баррарсӣ ва ҳалли парвандаҳои судӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон таъмин карда мешаванд ва ҳимояи судӣ, инчунин ба сифати воситаи фарогири ҳимояи ҳуқуқи инсон баромад менамояд. Аз ин нигоҳ, ҳимояи судии ҳуқуқи инсон маҷмуи ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавии ҳар як шахси воқеӣ, новобаста аз ҳар гуна тафовутҳои иҷтимоӣ мебошад, ки он имконияти барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда ё пешгирӣ намудани ҳуқуқпоймолкуниро тавассути муроҷиат ба суд кафолат медиҳад.

**Дар боби дуюми диссертатсия** масъалаҳои «Фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд», мақсад, вазифа ва функсияҳои ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, шаклҳо ва принсипҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд баррасӣ гардидаанд.

Ба андешаи муаллиф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ, аз қабили барномаҳои давраҳои 2007–2010, 2011–2013, 2015–2017 ва 2019–2021қабул ва анҷом дода шудаанд, ки ҳадафҳои онҳо пеш аз ҳама аз баланд бардоштани самаранокии фаъолияти судҳо ва беҳтар кардани сифати санадҳои судӣ мебошад. Ин барномаҳо барои мукамал гардонидани сохтори судӣ ва тақвияти нақши судҳо дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, инчунин таъмини қонуният ва адолат равона шудаанд.

Ҳамаи ин омилҳо гувоҳи онанд, ки рангорангии ҷанбаҳои баррасишаванда исботи гуногунҷабҳа будани ҳокимияти судӣ ба сифати падидаи ҳуқуқии давлатӣ мебошанд. Он на танҳо ҳамчун довар дар баҳсҳои байни шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ амал мекунад, балки ҳамчун кафили адолат, тартиботи ҳуқуқӣ ва риояи ҳуқуқи инсон низ баромад мекунад. Тавсеаи вазифаҳо ва ваколатҳои ҳокимияти судӣ марҳилаи табиии рушди

институтҳои давлативу ҳуқуқӣ мебошад, ки ба мутобиқ кардани низоми судӣ ба чолишҳо ва талаботи нави ҷомеа равона шудааст.

Ӯ қайд менамояд, ки ҳокимияти судии муосир якчанд вазифаҳои калидиро иҷро мекунад. Якум, он риояи қонуниятро тавассути баррасӣ ва ҳалли баҳсҳое, ки байни шаҳрвандон, ташкилотҳо ё мақомоти давлатӣ ба миён меоянд, таъмин мекунад. Дуюм, ҳокимияти судӣ вазифаи назоратиро бар фаъолияти дигар шохаҳои ҳокимият иҷро намуда, тавозуни байни онҳоро таъмин мекунад ва аз азҳадгузарии ваколатҳоро пешгирӣ мекунад.

Ҳамин тавр, барномаҳои қабулшудаи ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон ташаббусҳои маҷмуие мебошанд, ки ба таъсиси низоми судии одилона, шаффоф ва самаранок нигаронида шудаанд ва қодир аст ҳифзи муносиби ҳуқуқи шаҳрвандону таҳкими тартиботи ҳуқуқиро таъмин намояд.

Аз таҳлили муқаррароти Конститутсия ва дигар санадҳои–меъёрии ҳуқуқӣ бармеояд, ки ҳадафи асосии давлат дар эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Дар баробари ин, нақши асосӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳокимияти судӣ мансуб мебошад.

Муаллиф арзишҳои конститутсиониро баҳо дода истода, дар навбати худ қайд менамояд, ки ҳадафҳои асосии фаъолияти ҳокимияти судии муосир, аз ҷумла ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд, инчунин таъмини волоияти қонун ва дар тамомияти мамлакат мебошад, аммо ҳадафи афзалиятноки ҳокимияти судӣ маҳз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд буда, ҳадафҳои дигар ба ин самти бунёдӣ тобеъ мебошанд (саҳ. 95–96 дисс.).

**Боби сеюми диссертатсия** аз масоили «Дурнамои такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» иборат мебошад.

Муаллиф ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии ислоҳотҳои гузаронидашударо дар фаъолияти судҳо таҳлил намуда, хулосабарорӣ менамояд, ки дастовардҳои муҳимтарини ислоҳоти судӣ дар охири солҳои 90-ум ва аввали солҳои 2000-ум дар соҳаи фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд пеш аз ҳама, ин эътирофи принсипи таҷзияи ҳокимият ва дар ин замина эътирофи ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимият мебошад, дигар ин, эътирофи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо мақсад ва вазифаи асосии фаъолияти ҳокимияти судӣ, тавсеаи самтҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ бо роҳи додани ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти контролӣ ва назоратӣ ва мустаҳкам намудани чунин принсипҳои демократии фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба монанди мустақилияти ҳокимияти судӣ;

соҳибихтиёрии ҳокимияти судӣ; волоият ва амали мустақими муқарраротҳои Конститутсия; қонуният; оммавӣ.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи ислоҳотҳои гузаронидашуда, ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон кафили таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эълон карда шуд. Дар айни замон, ҳадафи асосии ислоҳоти судӣ таъмини ҳимояи самараноки судӣ ва риояи устувори ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад. Бо вуҷуди ин, дар кишвар ҳанӯз ҳам дар татбиқи фаъолияти ҳокимияти судӣ мушкилот вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, масъалаи зарурати такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ ба таври шадид ба миён омадааст.

Вобаста ба ин, муаллиф хулосабарорӣ менамояд, ки рушди минбаъдаи ҷомеа ва татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои дар пеш истода кафолати ҳамаҷонибаи адолати судиро талаб мекунад. Ва бо ин васила пешниҳод менамояд, ки зарурати қабули барномаи нави ислоҳоти судӣ ва ҳуқуқӣ ба миён омадааст, ки дар доираи он сохтор ва фаъолияти мақомоти судӣ такмил дода шуда, ҷиҳати таъмини баррасии босифат ва саривақтии парвандаҳо, иҷрои қарорҳои қабулнамудаи судҳо тадбирҳои мушаххас андешида шаванд.

**Дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ** бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷониба ва муқоисавии масъалаи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» такмили конунгузорӣ дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Хулосаҳои таҳқиқот заминаи назариявию амалиро барои мақомоти судӣ фароҳам оварда, ба беҳтар шудани сатҳи асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат мусоидат менамояд. Падидаи ҳимояи судӣ оид ба ҳуқуқ дар низоми кафолатҳои ҳуқуқи инсон мавқеи марказиро ишғол мекунад, зеро он на танҳо барои таъмини муқаррароти онҳо дар сатҳи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, балки татбиқи воқеии онҳоро, инчунин барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншударо дар сурати поймол шудани онҳо пешбинӣ менамояд.

**Сохтори диссертатсия** ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҷлили эродии сарчашмаҳои истифодашуда оид ба рушди қонунгузории ҳокимияти судӣ тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда ба муаллиф имконият додаанд.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзӯи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои аҳамияти баланди илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки аз ҳолати кунунии низоми ҳуқуқӣ ва ислоҳоти судӣ дар

кишвар бармеояд. Аз ҷиҳати илмӣ, ин пажӯҳиш ба тавсеаи назарияи ҳуқуқшиносӣ мусоидат мекунад. Дар шароити ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд, ҳокимияти судӣ ҳамчун механизми асосии ҳимояи ҳуқуқҳои инсон баррасӣ мешаванд. Ин диссертатсия метавонад моделҳои муқоисавӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ (масалан, Қазоқистон, Узбекистон ва Қирғизистон)-ро пешниҳод кунад, ки ба рушди илми ҳуқуқии кишвар мусоидат менамояд.

Аҳаммияти илмии диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» саҳми назаррас ба рушди илми назарияи давлат ва ҳуқуқ мегузорад. Моҳияти ҳокимияти судӣ ҳамчун унсури марказии механизми таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асоснок карда шуда, таснифи нави кафолатҳои судии ҳуқуқу озодиҳои инсон пешниҳод мегардад ва робитаи назария ва амалия дар фаъолияти судҳо равшан карда мешавад. Инчунин, таҷрибаи миллии Тоҷикистон дар партави таҷрибаи байналмилалӣ таҳлил мегардад.

Пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашуда метавонанд ба таъсиси механизмҳои нави ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, чун омӯзиши судяҳо ва таъмини шаффофият дар баррарсӣ ва ҳали парвандаҳо, мусоидат кунанд, ки ин ба беҳтар кардани сифати адолати судӣ мусоидат хоҳад намуд.

Аҳаммияти иқтисодии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки ҳимояи ҳуқуқҳои инсонӣ ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ҳокимияти судӣ метавонад ҳуқуқҳои молу мулкии шаҳрвандонро ҳифз намуда, барои ғанӣ гардонидани мавқеи онҳо дар муносибатҳои маданӣ мусоидат намояд. Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдода шуда, инчунин метавонад моделҳои нави ба талаботи замон ҷавогуи иқтисодиро пешниҳод кунад, ки он ба ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон ва тоҷирон ва бо ин васила ба рушди соҳибкорӣ мусоидат мекунад.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ бошад, таҳқиқоти гузаронидашуда ба баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии ҷомеа мусоидат мекунад. Ҳокимияти судӣ метавонад ҳамчун таъмингари мувозинати адолати иҷтимоӣ хизмат кунад, ки ин ба коҳиши додани сатҳи иҷтимоӣ ва таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар ҷомеа оварда мерасонад.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Исозода, Б.Ч. дар мавзуи “Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” на танҳо ба пешравии илми муосири ҳуқуқшиносӣ, балки ба рушди устувори Тоҷикистон мусоидат мекунад, ки ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд то соли 2030 мувофиқ мебошад.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ 10 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷалаҳои дигар ба нашр расидааст:

[1-М]. Исозода, Б.Ч. Значение судебной защиты в системе механизмов защиты прав человека [Текст] / Б.Ч. Исозода // Государствоведение и права человека. – 2017. – № 2 (06). – С. 71-72. – ISSN: 2414-9217.

[2-М]. Исозода, Б.Ч. Понятие и сущность судебной защиты прав человека [Текст] / Б.Ч. Исозода // Государствоведение и права человека. – 2017. – № 4 (8). – С. 129-134. – ISSN: 2414-9217.

[3-М]. Исозода, Б.Ч. Заминаҳои таърихии ислоҳот ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / Б.Ч. Исозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 4 (32). – С. 83- 94. – ISSN: 2414-9217.

[4-М]. Сафарзода, Б.А., Исозода Б.Ч. Масъалаҳои назариявии раванди ислоҳот ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.А. Сафарзода, Б.Ч. Исозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 4 (32). – С. 7- 14. – ISSN: 2414-9217.

[5-М]. Исозода, Б.Ч. Шакл ва принсипҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / Б.Ч. Исозода // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №6. Қисми 1 – С. 264-271. – ISSN: 2413-5151.

[6-М]. Исозода, Б. К вопросу о понятии судебной защиты прав человека [Текст] / Б.Ч. Исозода // Материалы Республиканской научно 201 практической конференции «30 лет независимости: этапы пройденного пути, реалии и перспективы». – Душанбе, 2021. – С. 126-129.

[7-М]. Исозода, Б.Ч. Таносуби мафҳуми ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон [Матн] / Б.Ч. Исозода // Материалы международной научнопрактической конференции «Таджики в зеркале истории», посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова (27 октября 2023 года). Часть I. (право, экономика). – Душанбе, 2023. – С. 95-101.

[8-М]. Сафарзода, Б.А., Исозода Б.Ч. Исторические предпосылки реформирования судебной власти в Республике Таджикистан [Текст] / Б.А. Сафарзода, Б.Ч. Исозода // Материалы международной научнопрактической конференции «Таджики в зеркале истории», посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова (27 октября 2023 года). Часть I. (право, экономика). – Душанбе, 2023. – С. 178 185.

[9-М]. Сафарзода, Б.А., Исозода Б.Ч. Понятие института защиты прав человека [Матн] / Б.А. Сафарзода, Б.Ч. Исозода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқши-носӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 52-58.

[10-М]. Исозода, Б.Ч. Мафҳум ва моҳияти ҳимояи судии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ч. Исозода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 52-58.

Бояд қайд намуд, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорой мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбие, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсия мазкур баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Муаллиф дар банди 10 нуктаҳои ба ҳимоя тавсияшуда, қайд менамояд, ки: «Мавқеъҳои мавҷуда дар илми ватанӣ ва барномаҳоиислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро таҳлил намуда, метавон ду самти афзалиятноки такмили минбаъдаи ҳокимияти судиро, ки барои тақвияти кафолатҳои ҳуқуқ ва озодиҳои шахс аҳамияти бевосита доранд, ҷудо кард. Самти аввал функсионалӣ, ки масъалаҳои такмили ташкили низоми судӣ, рушди

институти судҳои махсусгардонидашуда, тақвияти назорати судӣ ва самаранокии иҷрои санадҳои судӣ мебошад. Самти дуюм ташкилӣ, ки бо таъмини шароити муносиби моддӣ-техникии фаъолияти судҳо, ташаккули иқтидори баландихтисоси кадрӣ, инчунин бо дигар ҷанбаҳои дастгирии захиравӣ ва инфрасохтории фаъолияти низоми судӣ алоқаманд аст.»

Албатта ин ақидаи муаллиф қобили дастгирист, аммо ӯ роҳҳои амалишавии ва бартараф кардани ин пешниҳодҳоро пешкаш накардааст. Ба андешаи мо, вазифаи давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти амикро дар соҳаи адолати судӣ талаб менамояд,

2. Муаллиф қайд менамояд, ки «Пас аз омӯхтани пешниҳодҳои мавҷуда дар илмҳои ватанӣ, мо чунин мешуморем, ки дар масъалаи ҳимояи ҳуқуқи инсон мавқеи Суди конститутсионӣ аҳаммияти калон дорад. Ҳангоми муайян кардани мавқеи худ дар масъалаи мушаххас, суди Конститутсионӣ ҳам ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва ҳам ба амалияи мавҷудаи кишвар такя мекунад. Ғайр аз ин, дар қарорҳои он муносибати доктриналӣ ба мушкилоти ҳуқуқии мавҷуда инъикос ёфта, тафсирҳои асосии дарки падидаҳои мушаххаси ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд».

Албатта чунин хулосабарорӣ ва пешниҳоди муаллиф ҷолиби диққат мебошад, аммо он ба андешаи мо баҳснок аст. Дар баъзе аз давлатҳо тафсири Конститутсия ба Суди конститутсионӣ дода шудааст, аммо тафсири қонунҳоро парлумонҳои он давлатҳо анҷом медиҳанд. Мумкин муаллиф низ чунин ақида дошта бошад?

3. Дар қисмати Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот баҳри таҳкими кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон, муаллиф қайд менамояд, ки: “ба андешаи мо, дар қонунгузории мурофиавӣ ворид намудани меъёрҳое, ки фарогирандаи масъалаҳои зерин мебошанд, ба мақсад мувофиқ аст: – «Муқаррар намудани уҳдадорӣ нисбат ба судҳо ҷиҳати асоснок намудани рад кардани муроҷиат ва шикоятҳое, ки марбут ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошанд”, пешниҳод гардидааст.

Дар қонунҳои мурофиавӣ муқарраротҳое ҷой доранд, ки судҳо бояд қарорҳои қабулкардаи худро асоснок кунанд, аз ҷумла мутобиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 137 КММ ҶТ «Дар хусуси рад намудани қабули аризаи даъвогӣ судя таъиноти асоснок қабул мекунад». Мумкин дар ин ҷо муаллиф ақидаи дигаре дошта бошад?

Эродҳо ва норасоиҳое, ки дар боло қайд шуданд, дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайнкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хело муҳим буда, мураккаб ва баҳснокand ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва

баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаҳои муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки он хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия шаҳодати кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани онро медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро ифода намудааст, ки он метавонад барои рушди илми муосири назарияи ҳуқуқ саҳми сазовори худро гузорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳода гардидаат, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

**Суроғаи муқарриз:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Асадулло Ғуломов, 13
Тел. мобилӣ: (+992 93) 510-77-11
Email: bobojonov_i@mail.ru

**имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абдураҳмонзода Б.А.

**Суроғаи муассиса:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон 734018. ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 33, тел.: +992 (37) 2218764,
факс: + 992 (37) 221 71 00, E-mail: info@anrt.tj.